**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ҲИСОБОТ
# ДОИР БА ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАИ ТАДҚИҚОТИ МАҶМУИИ СОТСИОЛОГӢ ОИД БА ДАРКИ КОРРУПСИЯ АЗ ТАРАФИ ҶОМЕА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе – 2025**

# ҲИСОБОТ
# ДОИР БА ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАИ ТАДҚИҚОТИ МАҶМӮИИ СОТСИОЛОГӢ ОИД БА ДАРКИ КОРРУПСИЯ АЗ ТАРАФИ ҶОМЕА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти коррупсия ва мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Зеро таърих нишон медиҳад, ки зуҳури шаклҳои гуногуни он аз сарчашмаҳои мухталиф маншаъ гирифта, ба фаъолияту рушди кишвар ва идоракунии ниҳодҳои он таъсири худро мерасонад.

Ҳамзамон, ин зуҳуроти номатлуб метавонад ба фазои сармоягузорӣ, соҳибкорӣ ва самаранокии идоракунии давлат таъсири манфӣ расонида, рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии кишварҳоро халалдор намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки ин падидаи номатлуб метавонад, пеш аз ҳама, ба ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа таъсири бевоситаи худро расонида, дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ мушкил намояд, ки дар натиҷа дар байни аҳолӣ нобаробарии иҷтимоӣ ба миён меояд. Зарурати масъаларо дарк намуда, аз тарафи давлату ҳукумати кишвар ҷиҳати пешгирӣ намудани ин падида ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, аз тарафи сохторҳои давлатӣ дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам мегарданд.

Вобаста ба ин, айни замон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз қабили қонуну стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ доир ба пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои коррупсионӣ дар сохторҳои гуногуни иҷтимоӣ амалӣ гардида истодаанд. Баъди соҳибистиқлол гардидани кишвар ҷиҳати мустаҳкам намудани сиёсати зиддикорупсионӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқию институтсионалии мубориза бо коррупсия қарору қонунҳои дахлдор қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд. Аз ҷумла, таҳия ва ду маротиба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 11 декабри соли 1999 ва аз 25 июли соли 2005, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006 қабул гардидани «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» ва баъдан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба тасвиб расидани «Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд» аз 25 октябри соли 2022, №506, инчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишонаи возеҳи гуфтаҳои болост.

Маврид ба зикр аст, ки дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсия муайян гардида, муқаррароти он ба ҳамаи шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, яъне шахсе, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансабҳои давлатии хизмати давлатиро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд, шахси мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ба он баробаркардашуда (шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ба сифати номзад ба ишғоли мансабҳои давлатии интихобӣ ё узви мақомоти интихоботии давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, шахсони мансабдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо, ки бо мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд), шахсе, ки хизматрасониҳои давлатиро амалӣ менамояд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ паҳн мегардад.

Дар баробари қонуни мазкур, дигар стратегияву барномаҳо давра ба давра қабул ва амалӣ гардида истодаанд. Аз ҷумла, «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34, «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 ва «Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (2021-2025) бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 қабул ва тасдиқ гардидаанд.

Ҳадафи асосии амалисозии Стратегия аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона гардидааст.

Дар сатҳи байналмилалӣ бошад, самтҳои асосии Стратегия асосан ба мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таҳлили мунтазами вазъи содиршавии ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд, тақвият бахшидани пешгирии коррупсия дар соҳаҳои гуногуни хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳое, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма дар раванди муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи

маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ, мукаммалгардонӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии назорати давлатии молиявӣ, ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ҷиҳати бартараф намудани омилҳои инсонӣ, муқовимат ба коррупсия тавассути татбиқи чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ, экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, тақвият бахшидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар раванди пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, ки ҷиҳати коҳиш ва бартараф намудани коррупсия нақши калидӣ доранд, равона гардидаанд.[1]

Қайд кардан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти муқовимат бо коррупсия дар сатҳи байналмилмилалӣ корҳои зиёдеро анҷом дода истодааст. Аз ҷумла, кишвари мо 25 сентябри соли 2006 ба «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» имзо гузоштааст, ки он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16 апрели соли 2008 тасдиқ гардидааст.

Ҳадафи асосии Конвенсияи мазкур мусоидат намудан ба қабул ва таҳкими тадбирҳое, ки ба пешгирӣ ва мубориза муассир бо коррупсия равона гардидаанд, дастгирии ҳамкории байналмилалӣ ва кӯмаки техникӣ дар пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, аз ҷумла баргардонидани дороиҳо, мусоидат ба ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, масъулият, идоракунии дурусти корҳо ва моликияти ҷамъиятӣ мебошад.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи Истанбулии амалҳои мубориза бо коррупсияи Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказиро пазируфта, пайваста ҳисоботҳои даврию фосилавии худро унвонии ин Созмон пешниҳод менамояд ва айни замон дар даври 5-уми мониторинги ин тавсияҳо қарор дорад. Нақшаи Истанбулии амалҳои мубориза бо коррупсия як барномаи муҳимми байналмилалӣ мебошад, ки фаъолияти он дар доираи даҳ кишвар ба роҳ монда шудааст: Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Муғулистон, Украина, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон. Аз замони оғози ин барнома (соли 2003) Нақшаи Истанбулии амалҳо мунтазам фаъолияти худро оид ба ислоҳоти зидди фасод тавассути баррасии ҳамаҷониба пеш мебарад.

Омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва стандартҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки яке аз усулҳои самараноки муайян намудани сатҳи коррупсия ва роҳҳои муқовимат ба он, ин баргузор намудани тадқиқотҳои маҷмуии сотсиологӣ дар байни аҳолӣ мебошад, ки имконият фароҳам меорад, то фикру мулоҳизаҳои шаҳрвандон вобаста ба ин масъала, мушкилоти мавҷуда, вазъияти кунунӣ ва роҳу усулҳои босамари муқовимат бо омилҳои коррупсионӣ муайян карда шаванд. Илова бар ин, тадқиқот имкон медиҳад, ки самарабахшии

[1] Ахборот оид ба ҳолати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) бо ҷамъбасти соли 2024. https://anticorruption.tj/images/PDF/ahborot2024.pdf (санаи муроҷиат 17.03.2025)

кӯшишҳои қаблан андешидашуда оид ба татбиқи стратегияҳои зиддикоррупсионӣ ва чорабиниҳои иттилоотӣ барои инъикоси он, баҳогузорӣ карда шаванд.

Мусаллам аст, ки пурсиши афкори ҷомеа дар бораи коррупсия ва ташаббусҳои зиддикоррупсионӣ, метавонад муваффақияти ин тадбирҳоро муайян ва самарабахшии фаъолияти мақомоти давлатиро дар самти муқовимат ба коррупсия арзёбӣ кунад, инчунин ба сатҳи эътимоди мардум таъсир расонад. Муҳаққиқон дар арсаи байналмилалӣ бар он ақидаанд, ки агар шаҳрвандон ва соҳибкорон ба он одат кунанд, ки барои ҳар як муроҷиат ба мақомоти давлатӣ «мукофот» лозим аст, пас тағйир додани муносибати ҷомеа ба коррупсия ниҳоят мушкил хоҳад буд. Аз ин лиҳоз, дар доираи барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва тавсияҳо барои муайян намудани афкори ҷамъиятӣ оид ба коррупсия мунтазам гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ дар ин самт ниҳоят муҳим ва таъсирбахш арзёбӣ мегардад.

Дар асоси банди 192 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баргузор намудани тадқиқоти маҷмӯии сотсиологӣ яке аз роҳҳои асосии баҳодиҳии сатҳи коррупсия арзёбӣ мегардад. Зеро муайян намудани ҳолати воқеии мавҷудияти коррупсия дар ин ва ё он соҳа имконият медиҳад, ки роҳҳои нав ва самарабахши муқовимат ба коррупсия коркард ва роҳандозӣ карда шавад.

Бинобар ин, дар банди 69-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) бо мақсади муқаррар намудани сатҳи коррупсия дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ на камтар аз як маротиба баргузор намудани тадқиқоти сотсиологии умумӣ оид ба коррупсия ва тибқи таҳлилҳои асоснок ҳар сол тариқи интихобӣ гузаронидани тадқиқоти сотсиологии соҳавӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалию ҷамъиятӣ ва истифодаи натиҷаи тадқиқот ҷиҳати муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Вобаста ба масъалаи гузошташуда, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тадқиқоти маҷмуии сотсиологиро баргузор намуд. Боиси қайд аст, ки ҷиҳати таъмини шаффофияти баргузории тадқиқот дар давраи таҳияи саволнома ва муҳокимаи методикаи тадқиқот аз намояндагони тамоми вазорату идораҳо ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ Гурӯҳи кории байниидоравӣ ташкил гардида, методикаи баргузории тадқиқот ва саволнома тасдиқ карда шуданд.

**Мақсади тадқиқот** - омӯзиши дарки коррупсия аз ҷониби аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти роҳу усулҳои муосири муқовимат ба коррупсия ва муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионии кишвар мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот иборатанд аз:**

- муайян намудани сатҳи огоҳии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коррупсия дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот;
- муайян кардани сарчашмаҳои иттилоот дар бораи коррупсия (аз гуфтаҳои шиносон, ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ, таҷрибаи шахсӣ ва ғ.);
- муайян кардани намудҳои коррупсия, ки аз рӯйи ақидаи аҳолӣ бештар паҳн гардидаанд (порагирӣ, порадиҳӣ, «пулшуйӣ», хешутаборӣ, сӯиистифодаи мансаб, пуштибонӣ ва ғайра);
- муайян намудани муносибати аҳолӣ ба коррупсия;
- муайян намудани соҳаҳои идоракунии давлатӣ, ки аз нигоҳи аҳолӣ ба коррупсия бештар осебпазир мебошанд;
- муайян кардани намудҳои коррупсия, ки бо он пурсишшавандагон шахсан дучор омадаанд ё дар бораи он аз шиносон шунидаанд;
- баҳодиҳии сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи чораҳои андешидашудаи сиёсати зиддикоррупсионӣ;
- муайян намудани ақидаи аҳолӣ дар бораи сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда (маоши пасти хизматчиёни давлатӣ, назорати суст, ихтилофи манфиатҳо, набудани шаффофият ва ғ.);
- муайян намудани чораҳои муассиртарини муқовимат ба коррупсия (таъмини шаффофият, баланд бардоштани маоши хизматчиёни давлатӣ, таъмини телефони боварӣ ва механизмҳои пешниҳоди шикоятҳо, аз ҷумла ҳимояи хабаррасонҳо, манъи иштироки шахси мансабдор дар мурофиа ва баррасии парвандаҳо ҳангоми мавҷудияти бархӯрди манфиатҳо ва ғ.);
- омӯзиши рафтори аҳолӣ ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо зуҳуроти коррупсионӣ (масалан, муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кӯшиши ҳалли мустақили мушкилот, нодида гирифтани вазъ ва ғайра).

Пурсиши сотсиологӣ дар шакли репрезентативӣ гузаронида шуда, ҳангоми тадқиқот усули пурсиши тасодуфии респондентон (пурсидашавандагон) тариқи саволнома (анкета) баргузор гардид. Тадқиқот дар сатҳи ҷумҳурӣ, бо дарназардошти шумораи аҳолӣ (сокинони шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва ҷамоатҳо) амалӣ гардида, барои интихобнома маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот истифода гардидааст.

**Объекти тадқиқот** – мавҷудияти омилҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти марказӣ, маҳаллии идоракунии давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот мебошад.

**Предмети тадқиқот** – муайян намудани дарки коррупсия аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар раванди пурсиш танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк фаро гирифта шуданд, ки синнашон аз 18 боло мебошад.

Шумораи умумии респондентон (пурсидашавандагон) 0,1%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне 10000 нафарро ташкил медиҳад. Тибқи тақсимоти Гурӯҳи кории байниидоравӣ пурсиши аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо, аз ҷумла, дар вилоятҳои Хатлон – 10 шаҳру ноҳия (Кӯлоб, Бохтар, Ҷайҳун, Ёвон, Ҷ.Балхӣ, Қубодиён, Ҳамадонӣ, Фархор, Восеъ, Темурмалик), Суғд – 7 шаҳру ноҳия (Хуҷанд, Б.Ғафуров, Панҷакент, Исфара, Конибодом, Зафаробод, Мастчоҳи нав), ВМКБ – 4 шаҳру ноҳия (Хоруғ, Рӯшон, Ванҷ, Ишкошим), НТҶ – 7 шаҳру ноҳия (Сангвор, Варзоб, Тоҷикобод, Рашт, Турсунзода, Ҳисор, Рӯдакӣ) ва шаҳри Душанбе ба роҳ монда шуд.

**Доир ба натиҷаи тадқиқот** аз ҷониби Марказ ҳисобот таҳия гардида, ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор ҳисоботи пешниҳодшударо мавриди омӯзиш қарор дода, бо таҳияи тавсияҳои дахлдор онро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионии кишвар пешниҳод менамояд.

Ҳисобот бе таҷдиди назар дар шакли электронӣ дар сомонаи расмии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда, он бо ҷалби шарикони рушд (Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе ва дигар шарикон) бо забонҳои русию англисӣ ва ҳангоми зарурат бо дигар забонҳо тарҷума гардида, дар шакли китоб ба чоп расонида шуда, ба мақомоти дахлдор дастрас карда шуда, ҳамзамон, аз натиҷаи тадқиқот нақшаи чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ барои давраи солҳои 2026-2030 таҳия мегардад.

## МАЪЛУМОТИ ИҶТИМОӢ - ДЕМОГРАФӢ ОИД БА РЕСПОНДЕНТОН

Маълумоти иҷтимоӣ-демографии респондентон нишон медиҳад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ аз шумораи умумии респондентон 53,3%-ро мардон ва 46,7%-ро занон ташкил медиҳанд (дар сатҳи минтақаҳои кишвар дар диаграммаи 1 нишон дода мешаванд).

**Диаграммаи 1. Ҷинси респондент** (фоиз)




Аз рӯйи синну соли респондентон, ҳамагӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ҷавонони 18-35 сола - 29,4%, аҳолии 36-45 сола - 26,6%, шахсони 46-55 сола - 21,9%, аз 56 то 63 сола - 14,6% ва шахсони аз 64 сола боло - 7,5%-ро ташкил доданд (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Синну соли респондент** (фоиз)




Дар рафти тадқиқот сатҳи маълумотнокии аҳолии ба тадқиқот фарогирифташуда муайян гардида, тибқи диаграммаи дар зер овардашуда дар сатҳи ҷумҳурӣ нафароне, ки маълумоти олӣ доранд – 40,9%, олии нопурра (бакалавр) – 14%, миёнаи махсус (коллеҷ, литсей) – 19,2%, миёнаи пурра (синфи 11) – 13,9%, маълумоти нопурра – 7,5% ва шахсоне, ки маълумот надоранд – 4,5%-ро ташкил медиҳанд (диаграммаи 3). Сатҳи маълумотнокии респондентон нишон медиҳад, ки имрӯз сатҳи маълумотнокии аҳолӣ дар кишвари мо хуб буда, аксарият соҳиби ин ё он маълумот мебошанд ва фаҳмиши дарки коррупсия, бахусус, дар байни аҳолии маълумоти миёна ва олии касбидошта дар сатҳи баланд аст.

**Диаграммаи 3. Сатҳи маълумоти респондент** (фоиз)




Мавқеи иҷтимоии респондентон гуногун буда, тибқи таҳлил, аз ҷумла:

- хизматчии давлатӣ – 19,79%;
- кормандони илмӣ – 17,9%;
- бекор – 15,05%;
- соҳибкор – 13,1%;
- донишҷӯ – 8,4%;
- нафақахӯр – 8,1%;
- деҳқон – 7,6%;
- кормандони хизматрасон – 3,35%;
- кормандони соҳаи тиб – 2,15%;
- маъюб – 1,76%;
- кормандони ёрирасон – 1,2%;
- сохтмончӣ – 0,5%;
- кормандони соҳаҳои молия ва иқтисод – 0,4%
- дигар касбу кор – 0,7%-ро ташкил намуданд (ҷадвали 1).

Респондентоне, ки дигар касбу кор доштанд, аксарият худмашғул буда, касби онҳо дӯзанда, сартарош, пазанда ва ғайра мебошад. Ҳамзамон, дар ҷадвали 1 тақсимоти минтақавии мавқеи иҷтимоии репондентон инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 1. Мавқеи иҷтимоии респондент** (фоиз)

| | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизматчии давлатӣ | 20,7 | 30,0 | 25,6 | 13,7 | 16,6 | 19,79 |
| Корманди илмӣ | 17,8 | 20,3 | 24,0 | 17,6 | 9,1 | 17,9 |
| Донишҷӯ | 11,4 | 5,7 | 9,3 | 5,9 | 8,4 | 8,4 |
| Соҳибкор | 13,7 | 8,0 | 10,2 | 16,7 | 12,2 | 13,1 |
| Маъюб | 1,0 | 3,0 | 1,4 | 2,1 | 2,2 | 1,76 |
| Нафақахӯр | 10,1 | 6,7 | 8,9 | 5,9 | 8,7 | 8,1 |
| Деҳқон | 2,2 | 3,5 | 9,3 | 8,3 | 12,2 | 7,6 |
| Бекор | 17,7 | 11,7 | 8,2 | 14,8 | 23,1 | 15,05 |
| Корманди соҳаи тиб | 0,6 | 6,7 | 0,7 | 3,8 | 2,0 | 2,15 |
| Корманди соҳаи молия ва иқтисод (бонк) | 0,1 | 0,2 | 0,3 | 0,9 | 0,2 | 0,4 |
| Корманди ёрирасон | 1,0 | 1,3 | 1,1 | 1,9 | 0,5 | 1,2 |
| Корманди хизматрасон | 3,1 | 2,2 | 0,8 | 5,9 | 3,7 | 3,35 |
| Сохтмончӣ | 0,5 | 0,3 | 0,0 | 0,8 | 0,6 | 0,5 |
| Дигар | 0,1 | 0,5 | 0,1 | 1,8 | 0,6 | 0,7 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

## ҚИСМАТИ АСОСИИ САВОЛНОМА

Мақсади асосии тадқиқоти мазкур ин омӯзиши дарки аҳолӣ оиди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки саволҳои асосӣ дар ин қисмат оварда мешавад. Аз ҷумла, дар қисмати саволҳои асосӣ ба респондентон савол дода шуд, ки **«Имрӯзҳо кадом мушкилотҳо Шуморо бештар ташвиш медиҳанд?»** (диаграммаи 4), аксарият дар сатҳи ҷумҳурӣ ё худ 34,54%-и респондентон аз болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ шикоят намуда, 21,14%-и онҳо паст будани музди меҳнат, 16,19% бекориро мушкилоти худ арзёбӣ намуданд. Ҳамзамон, 9,95% қайд намуданд, ки имрӯз мушкилоте, ки онҳоро бештар ташвиш медиҳад, ин меъёри андоз ва 9,22% омилҳои коррупсиониро қайд намуданд. Ҳамин тавр, ба ақидаи 6,63% риоя накардани одоби касбӣ яке аз мушкилоте мебошад, ки имрӯз онҳоро ташвиш медиҳад, 2,33%-и респондентон бошанд, дигар фикру андеша доштанд. Аз ҷумла, қайд намуданд, ки «норасоии барқ, беназоратии танзими нархи маҳсулот, дарёфти ҷойи корӣ барои ҷавонон, норасоии об, мушкилоти роҳ, сатҳи пасти хизматрасонии коммуналӣ, дастрасӣ ба қитъаи замин ва ғайраҳо» мушкилотест, ки онҳоро ташвиш медиҳанд. Дар баробари ин, нафароне низ буданд, ки ба саволи мазкур ҷавоб дода натавонистанд ё худ онҳоро ягон мушкилӣ ташвиш намедиҳад.

Тибқи таҳлил маълум мегардад, ки дар сатҳи минтақаҳо низ ба андешаи аксарият болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ, паст будани музди меҳнат, бекорӣ, меъёри андоз ва омилҳои коррупсионӣ мушкилоти ташвишовар мебошад.

**Диаграммаи 4. Имрӯзҳо кадом мушкилотҳо Шуморо бештар ташвиш медиҳад?** (фоиз)




Доир ба фаҳмиши мафҳуми коррупсия ба респондентон саволгузорӣ гардид ва муайян карда шуд, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ аксарият коррупсия гуфта пора, ришва, фасод, тамаъҷӯӣ ва суйистифода аз мансабро мефаҳманд. Яъне, доир ба саволи **«Шумо коррупсия гуфта чиро мефаҳмед?»** (ҷадвали 2) фикру андешаи респондентон гуногун буда, ба ақидаи 23,7% – пора, 22% – ришва, 10,9% – суйистифода аз вазифа, 10,1% – фасод, 9,21% – тамаъҷӯӣ, 4,9% – хешутаборчигӣ (непотизм), 4% – дуздии моликияти давлатӣ, 3,9% – беадолатӣ, 3,85% – номи мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3,1% – пуштибонӣ, 2,4% – фурӯхташавии шахсони мансабдор, 1,6% – тӯҳфаро ҳамчун коррупсия дарк менамоянд. Боқимонда, яъне 0,34%-и респондентон ҷавоби дигарро интихоб намуданд (аз ҷумла, қисме аз ин респондентон оид ба мафҳуми коррупсия тасаввурот надоштанд, қисми дигар «ҳамаи мафҳумҳои дар боло зикргардида»-ро ҳамчун коррупсия мефаҳманд). Дар сатҳи минтақаҳо низ фоизнокии фаҳмиши коррупсия муайян гардидааст, ки он дар ҷадвали зер нишон дода мешавад.

**Ҷадвали 2. Шумо коррупсия гуфта чиро мефаҳмед?** (фоиз)

| | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ришва | 22,9 | 22,1 | 21,4 | 22,5 | 20,5 | 22,0 |
| Пора | 22,2 | 22,4 | 27,3 | 23,8 | 21,3 | 23,7 |
| Фасод | 10,0 | 13,2 | 8,2 | 10,4 | 10,8 | 10,1 |
| Тамаъҷӯӣ | 7,6 | 9,3 | 6,9 | 10,6 | 12,0 | 9,21 |
| Сӯйистифода аз вазифа | 9,4 | 7,2 | 13,3 | 11,6 | 10,5 | 10,9 |
| Хешутаборчигӣ (непотизм) | 3,6 | 4,4 | 7,1 | 4,2 | 5,0 | 4,9 |
| Пуштибонӣ | 3,9 | 3,1 | 2,4 | 2,8 | 3,5 | 3,1 |
| Фурӯхташавии шахсони мансабдор | 3,5 | 3,1 | 1,9 | 1,6 | 2,6 | 2,4 |
| Тӯҳфа | 2,9 | 1,3 | 1,1 | 1,1 | 1,5 | 1,6 |
| Дуздии моликияти давлат | 6,2 | 5,0 | 3,0 | 2,9 | 3,7 | 4,0 |
| Беадолатӣ | 4,9 | 4,1 | 4,1 | 3,0 | 3,9 | 3,9 |
| Номи мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2,9 | 4,7 | 3,3 | 4,5 | 4,3 | 3,85 |
| Дигар | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,8 | 0,4 | 0,34 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Дар рафти пурсиш доир ба масъалаи ба ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидани аҳолӣ чунин саволгузорӣ гардид: **«Оё Шумо ягон маротиба бо ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидаед?»** (диаграммаи 5), дар ҷавоб 30,9%-и респондентон баъзан ва 4,4% доим (дар маҷмуъ 35,3%) ба ин ҳолат дучор гардидани худро тасдиқ намуда, 64,7% қайд намуданд, ки ба ин ҳолат дучор нагардидаанд. Аммо, аксарияти онҳое, ки ба ҳолатҳои коррупсионӣ дучор шудани худро инкор карданд, баъди ба анҷом расидани пурсиш аз ҳолатҳои коррупсионӣ шикоят мекарданд (диаграммаи 5).

**Диаграммаи 5. Оё Шумо ягон маротиба бо ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидаед?** (фоиз)



Таҳлили маълумоти диаграммаи 5 нишон медиҳад, ки дар сатҳи минтақаҳо нафароне, ки баъзан ба ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидаанд, бештар дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 41,6%, шаҳри Душанбе 39,6% ва ВМКБ 34% ба назар мерасад. Ин ҳолат дар вилоятҳои Суғд 27,4% ва Хатлон 19,8%-ро ташкил медиҳанд.

Ба ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидани аҳолӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигар ин ба кадом намуди ин ҳолатҳо дучор гардидан мебошад, ки вобаста ба ин, ба респондентон саволи зерин дода шуд: **«Шумо ба кадом ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидед»** (ҷадвали 3). Тибқи ҷавобҳои респондентон дар сатҳи ҷумҳурӣ муайян гардид, ки онҳо бештар ба ҳолатҳои коррупсионӣ аз қабили пора, ки 21,2%-ро ташкил медиҳад, ришва (19,1%), тамаъҷӯйӣ (14,7%) ва сӯйистифода аз мансаб (13,5%) дучор гардидаанд. Ҳолатҳои дигари коррупсионӣ, ки респондентон дучор гардидаанд, беадолатӣ – 7,5%, фасод – 6 %, қаллобӣ бо шартномаҳои давлатӣ – 4,4%, пуштибонӣ – 4,3%, робитаҳои хешутаборчигӣ – 3,9%, дуздии моликияти давлат – 2,8% ва фурӯхташавии шахсони мансабдор – 2,6%-ро ташкил доданд. Ба кадом намуди ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидани респондентон дар сатҳи минтақаҳои кишвар дар ҷадвали 3 нишон дода мешвад.

**Ҷадвали 3. Шумо бо кадом ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидед?**

(фоиз)

| | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷумхурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ришва | 18,8 | 28,8 | 20,1 | 19,6 | 15,9 | 19,1 |
| Непотизм (робитаҳои хешутаборӣ) | 4,6 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 3,6 | 3,9 |
| Сӯйистифода аз мансаб | 12,2 | 10,8 | 15,0 | 10,5 | 17,1 | 13,5 |
| Қаллобӣ бо шартномаҳои давлатӣ | 8,6 | 0,5 | 2,5 | 1,2 | 3,0 | 4,4 |
| Пора | 16,7 | 20,6 | 23,3 | 28,6 | 20,7 | 21,2 |
| Фасод | 7,2 | 4,8 | 4,9 | 3,3 | 7,6 | 6,0 |
| Тамаъҷӯӣ | 11,0 | 5,3 | 13,6 | 24,6 | 16,2 | 14,7 |
| Пуштибонӣ | 6,0 | 4,1 | 2,7 | 2,2 | 4,9 | 4,3 |
| Фурӯхташавии шахсони мансабдор | 3,5 | 3,2 | 3,1 | 0,6 | 2,3 | 2,6 |
| Дуздии моликияти давлат | 4,4 | 4,3 | 1,5 | 1,3 | 2,4 | 2,8 |
| Беадолатӣ | 7,0 | 14,2 | 9,0 | 5,5 | 6,5 | 7,5 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Чуноне мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, амалҳои коррупсионие, ки барои ҳалли мушкилот аз тарафи иштирокчиёни он содир мегардад, дар ин ё он шакл сурат мегирад. Вобаста ба ин, ба респондентон чунин саволгузорӣ гардид: **«Оё Шумо барои ҳалли мушкилот ё татбиқи ҳуқуқҳои худ ба ягон нафар тӯҳфа ё пора додаед?»** (диаграммаи 6). Дар ҷавоб 25,59%-и респондентон ҷавоби «Ҳа»-

ро интихоб намуда, тасдиқ карданд, ки барои ҳалли ин ё он мушкилоти худ ба мақомоту идораҳое, ки корафтода шудаанд, тӯҳфа ё пора додаанд. Ҳамагӣ 9,64% ин ҳолатро инкор карда, ҷавоби «Не»-ро интихоб намуданд. Ҳамчунин, 64,77%-и респондентон аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд. Дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишвар бошад, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 36,7%, вилоятҳои Хатлон 17,8%, Суғд 22%, ВМКБ 21,2% ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 30,8% барои ҳалли мушкилоташон ё татбиқи ҳуқуқҳои худ бавосита ё бевосита тӯҳфа ё пора додани худро тасдиқ намуданд.

**Диаграммаи 6. Оё Шумо барои ҳалли ягон мушкилот ё татбиқи ҳуқуқҳои худ ба ягон нафар тухфа ё пора додаед?** (фоиз)




Барои муайян намудани он, ки сар задани ҳолатҳои коррупсионӣ бештар аз ҷониби кадом иштирокчиёни он анҷом дода мешавад, ба респондентоне, ки барои ҳалли ягон мушкилоташон ё татбиқи хуқуқҳои худ ба ягон нафар тухфа ё пора додаанд, саволи **«Маблағ, тӯҳфа ё хизматрасоние, ки Шумо пешниҳод намудед, хоҳиши худатон буд ё ба Шумо ишора карда гуфтанд?»** (диаграммаи 7) пешниҳод гардид, ки аз шумораи умумии респондентон 37% қайд намуданд, ки «Аз ман талаб карданд», 33,5% – «Ба ман ишора карданд», 21,8% – «Хоҳиши худам буд» ва ҳамагӣ 7,7% қайд намуданд, ки онҳоро «Маҷбур карданд». Дар сатҳи минтақаҳои кишвар низ, аксарият, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе 40,3%, вилоятҳои Суғд 36,6%, Хатлон 41%, ВМКБ 27,6% ва НТҶ 31,1% қайд намуданд, ки аз онҳо барои хизматрасонии ин ё он мушкилоташон маблағ ё тӯҳфа талаб кардаанд. Аз ҷавоби респондентон хулоса бармеояд, ки пешниҳоди тӯҳфа ё маблағ барои ҳалли ягон мушкилот ҳолати муқаррарии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа гардида, бештар аз тарафи шахсони порагиранда содир мегардад. Яъне, натиҷаи пурсиши респондентон нишон медиҳад, дар аксари ҳолатҳо кормандони мақомотҳо барои гирифтани пора манфиатдор буда, ба паҳн гардидани ин зуҳуроти номатлуб мусоидат менамоянд.

Доир ба масъалаи гузоштащуда ҷавоби респондентон барои муқоиса дар сатҳи минтақаҳои кишвар дар шакли диаграмма нишон дода мешавад.

**Диаграммаи 7. Маблағ, тухфа ё хизматрасоние, ки Шумо пешниҳод намудед, хоҳиши худатон буд ё ба Шумо ишора карда гуфтанд?** (фоиз)




Қайд кардан зарур аст, ки мавҷудияти ҳолатҳои коррупсионӣ дар сохторҳои гуногуни давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа ба ҳисоб рафта, ин масъала аз тарафи респондентон гуногун арзёбӣ мегардад.

Барои муайян намудани он, ки имрӯз бештар дар кадом сохтору муассисаҳои давлатӣ ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасанд, ба респондентон саволи **«Шумо дар кадом сохторҳои давлатӣ бештар ба ҳолатҳои коррупсионӣ рӯ ба рӯ шудаед?»** пешниҳод гардид (диаграммаи 8). Дар сатҳи ҷумҳурӣ таҳлили ҷавобҳои респондентон нишон медиҳанд, ки онҳо бештар дар соҳаҳои маориф (20%), тандурустӣ (16,7%), сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ (милитсия) (19%), Вазорати адлия (9,1%), Мақомоти судӣ (6,5%), бахши энергетика (4,4%), Прокуратура (3%), Вазорати мудофиа (2,7%) Кумитаи андоз ва нозироти андоз дар маҳал (2,6%), Кумитаи идораи замин дар маҳал (1,4%), Кумита меъморӣ ва сохтмон (1,4), бонкҳо (1,1%), мақомоти гумрук, раёсатҳои минтақавии гумрукӣ (1%) ва соҳаи нақлиёт (1%) рӯ ба рӯ гардидаанд.

Фоизнокии дигар мақомоти давлатӣ дар диаграммаи зер нишон дода мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми пурсиш шаҳрвандоне, ки соҳаҳои маорифу тандурустиро бештар ниҳоди фасодзада унвон карданд, дар баробари ин, қайд намуданд, ки ҳарчанд дар ин сохторҳо ҳолатҳои коррупсионӣ зиёд ба назар мерасанд, хароҷоти он баъзан маблағи ночизро ташкил медиҳанд. Аммо дар баъзе мақомотҳои дигари давлатӣ кормандон дар ҳаҷми калон маблағ талаб менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки аз шумораи умумии респондентоне, ки ҷавоби диграрро (0,5%) интихоб намуданд, доир ба ин савол фикру андешаҳои гуногун дошта, аз ҷумла чунин қайд намуданд: «дар ҳамаи сохторҳои

номбаршуда», «Рӯ ба рӯ нашудаам», «намедонам», «дар ягон мақомот бе пул корат пеш намеравад», «корхонаи ғайридавлатӣ», «дар бисёр мавридҳо расид (квитансия) мепурсам, аммо масъулон боз таҳқир ҳам мекунанд».

**Диаграммаи 8. Шумо дар кадом сохторҳои давлатӣ бештар ба ҳолатҳои коррупсионӣ рӯ ба рӯ шудаед?** (фоиз)



Тибқи саволнома ҷиҳати боз ҳам амиқтар муайян намудани мавҷудияти ҳолатҳои коррупсионӣ дар зерсохторҳои алоҳидаи мақомотҳои гуногуни зикргардида, респондентон имконияти интихоби якчанд зерсохторҳоро доро буданд. Натиҷаи таҳлили ҷавобҳои онҳое, ки мавҷудияти ҳолатҳои коррупсиониро дар ин ё он соҳа тасдиқ намуданд, нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи зерсохторҳои мақомоту идораҳои давлатӣ ҳолатҳои коррупсионӣ мавҷуд мебошад. Аз ҷумла, дар тибқи андешаи респондентон дар мақомотҳо ва зерсохторҳои зерин бештар дучор мегардад:

– Дар сохтори Вазорати маориф ва илм:

- 22,1% дар донишкадаю донишгоҳҳо;
- 15,7% дар ҳамаи сохторҳои вазорат;
- 13,8% дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- 13,2% дар боғчаи бачагона;
- 10,2% дар коллеҷҳо;
- 7,2% дар литсейҳо;
- 4,4% дар сарраёсати мориф, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;
- 4,1% дар Вазорати маориф ва илм;
- 3,6% дар Маркази миллии тестӣ;
- 2,6% Агентии назорати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм;
- 1,7% дар Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- 1,4% дар Комиссияи олии аттестатсионӣ.

– Дар зерсохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ:

- 40,9% дар БДА (ГАИ);
- 18,4% дар Хадамоти шиносномавӣ;
- 13,6% дар ҳамаи сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ;
- 9,7% нозирони минтақавӣ;
- 7,9% дар раёсати шуъбаҳои ВКД дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо;
- 5,2% дар Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ (пожарка);
- 2,3% дар Академияи милитсия;
- 2% дар Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилӣ.

– Дар сохтори Вазорати тандурустӣ:

- 24,6% дар таваллудхонаҳо;
- 15,7% дар беморхонаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ;
- 14,5% марказҳои саломатӣ;
- 9,2% дар ҳамаи сохтори вазорат;
- 8,2% дар бунгоҳҳои тиббӣ;
- 7,5% дар беморхонаҳои вилоятӣ ё ҷумҳуриявӣ;

- 5,2% раёсатҳои тандурустӣ;
- 4,8% дар Хадамоти санитарию эпидемиологӣ;
- 3,2% дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- 2,4% дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- 1,9% дар Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- 1,7% дар Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ (ВТЕК);
- 1,1% дар Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ.

– Дар сохторҳои Вазорати адлия:
- 48,9% дар САҲШ (ЗАГС);
- 35% дар нотариус;
- 5,4% дар ҳамаи сохторҳои Вазорати адлия;
- 4,8% дар СРИҶ (маҳкама);
- 3,6% Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистикӣ;
- 2,3% дар Сарраёсати қонунгузорӣ.

– Дар Мақомоти судӣ:
- 25,3% дар ҳамаи сохторҳои Мақомоти судӣ;
- 24,6% дар Судҳои вилоят, шаҳру ноҳияҳо;
- 18,2% дар Суди Олӣ;
- 13,2% дар Судҳои ҳарбӣ;
- 9,6% дар Суди олии иқтисодӣ;
- 9,1% дар Судҳои иқтисодии вилоятӣ ва шаҳри Душанбе.

– Дар бахши энергетика:
- 35,8% дар шабакаҳои тақсимот ва фурӯши барқ;
- 27,1% дар шабакаҳои интиқоли барқ;
- 23,6% дар Барқи тоҷик;
- 8,8% дар ҳамаи бахшҳои энергетика;
- 4,7% дар Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика.

– Дар сохтори Вазорати мудофиа:
- 60% дар комиссариатҳои ҳарбӣ;
- 17,6% дар мизҳои ҳарбӣ;
- 15% дар қисмҳои низомӣ;
- 7,4% дар ҳамаи сохтори Вазорати мудофиа.

– Дар сохтори меъморӣ ва сохтмон:
- 40,6% дар ҳамаи сохтори меъморӣ ва сохтмон;
- 14,5% дар Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ;
- 13,7% дар намояндагии Кумитаи меъморӣ ва сохтмон дар маҳал;

- 9,4% дар Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ;
- 7% дар Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳи лоиҳавии шаҳрсозӣ;
- 7% дар КВД «Лоиҳакаш»;
- 4,7% дар КВД «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон»;
- 3,1% дар ҶСК» Шаҳрофар»;

– Дар соҳаи нақлиёт ба андешаи респондентон:

- 48,6% дар Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт (лицензия);
- 23,5% дар ҳамаи сохтори нақлиёти кишвар;
- 16,2% дар Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон»;
- 11,7% дар Идораи хоҷагии роҳҳои шаҳру ноҳияҳо.

Тавре, ки маълум аст, сар задани зуҳуроти номатлуб дар байни ҷомеа сабабу омилҳои худро дорад. Яке аз ҳадафҳои тадқиқоти маҷмуии сотсиологии мазкур низ барои муайян намудани сабабҳои сар задани зуҳуроти коррупсия дар байни ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани сабабҳои он ба респондентон чунин савол дода шуд: **«Ба фикри Шумо сабаби асосии пайдо гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар чист?»** (ҷадвали 4).

Дар посух аксарияти респондентон ё худ 25,6% сабаби асосии пайдо гардидани ҳолатҳои коррупсиониро ба «Сатҳи пасти музди меҳнат ё шароити зиндагӣ» рабт дода, дар баробари ин, 21,56% бар он ақидаанд, ки аз тарафи ин ё он нафар «Кӯшиши ба даст овардани даромади иловагӣ» мебошад. Ҳамзамон, ҷой доштан ё сабаби пайдо шудани ин зуҳуроти номатлубро респондентон дар «Бемасъулиятӣ ва бевиҷдонӣ аз тарафи мутахассисони соҳа – 8,5%», «Номукаммал будани қонунгузории соҳа – 7,8%», «Санҷиши зиёд ва такрории мақомоти назоратӣ – 6,3%», «Бемасъулиятӣ ё бетарафии аҳолӣ – 5,1%», «Ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо ё таъини шахсони тасодуфӣ ба мансаб – 4,3%», «Хешутаборчигӣ – 4%», «Беҷазо мондан ё нокифоягии ҷазо – 4%», «Риоя накардани одоби касбӣ аз ҷониби кормандони соҳа – 3,9%», «Пуштибонӣ ё додани бартарияту имтиёзҳои ғайриқонунӣ – 2,6%», «Ғайрикасбият ё паст будании савияи дониши кормандони соҳа – 2,5%» ва «Бо роҳи ғайриқонунӣ соҳиби мансаб гардидан ё норасоии кадрҳо – 2,4%» мебинанд.

Ҳамзамон, респондентон доир ба ин савол андешаҳои дигар (1,4%) низ доштанд, аз ҷумла қисме аз онҳо «Барои зуд корат буд шудан», « Одат», «Паст будани маърифати ҳуқуқӣ» ва қисми дигар «Намедонам» ва «Дучор нашудам»-ро қайд карданд.

Сабабҳои пайдо гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар дар шакли ҷадвал нишон дода мешавад.

**Ҷадвали 4. Ба фикри Шумо сабаби асосии пайдо гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар чист?** (фоиз)

| | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи пасти музди меҳнат ё шароити зиндагӣ | 25,5 | 26,0 | 25,9 | 25,1 | 26,1 | 25,6 |
| Кӯшиши ба даст овардани даромади иловагӣ | 21,1 | 19,5 | 21,5 | 23,8 | 19,2 | 21,56 |
| Номукаммал будани қонунгузории соҳа | 9,8 | 11,2 | 7,4 | 6,3 | 6,8 | 7,8 |
| Санҷиши зиёд ва такрории мақомоти назоратӣ | 6,2 | 7,1 | 6,0 | 6,7 | 5,8 | 6,3 |
| Бемасъулиятӣ ва бевиҷдонӣ аз тарафи мутахассисони соҳа | 6,6 | 5,5 | 11,0 | 8,5 | 8,7 | 8,5 |
| Бемасъулиятӣ ё бетарафии аҳолӣ | 5,2 | 5,3 | 4,0 | 4,2 | 8,2 | 5,1 |
| Риоя накардани одоби касбӣ аз ҷониби кормандони соҳа | 3,3 | 3,2 | 4,6 | 2,7 | 6,1 | 3,9 |
| Ғайрикасбият ё паст будании савияи дониши кормандони соҳа | 2,0 | 2,3 | 2,6 | 2,4 | 3,4 | 2,5 |
| Бо роҳи ғайриқонунӣ соҳиби мансаб гардидан ё норасоии кадрҳо | 2,9 | 2,1 | 2,3 | 2,1 | 2,3 | 2,4 |
| Ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо ё таъини шахсони тасодуфӣ ба мансаб | 3,2 | 4,4 | 4,6 | 5,8 | 2,9 | 4,3 |
| Бе ҷазо мондан ё нокифоягии ҷазо | 4,0 | 4,7 | 3,3 | 4,5 | 3,8 | 4,0 |
| Пуштибонӣ ё додани бартарияту имтиёзҳои ғайриқонунӣ | 3,1 | 3,2 | 2,1 | 2,8 | 1,9 | 2,6 |
| Хешутаборчигӣ | 6,3 | 5,1 | 4,0 | 2,3 | 3,6 | 4,0 |
| Дигар | 0,7 | 0,5 | 0,6 | 2,8 | 1,4 | 1,4 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Сабаби асосии сар задани ҳаргуна омилҳо ва оқибатҳои зараровари он, аз ҷумла ҳолатҳои коррупсионӣ аз огоҳии аҳолӣ вобаста мебошад, ки ба респондентон доир ба ин саволи **«Ба фикри Шумо сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба оқибатҳои зараровари коррупсия кофист?»** (диаграммаи 9) пешниҳод гардид. Тибқи таҳлили ҷавобҳои респондентон ба андешаи 35,3% - «Бале, кофӣ аст», ба ақидаи 51,5% - «Не, кофӣ нест» ва ҳамагӣ 13,2% қайд намуданд, ки «Огоҳии ҷомеа муҳим нест».

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар сатҳи минтақаҳо аксарияти аҳолӣ аз оқибатҳои зараровари коррупсия огоҳ нестанд, аз ин рӯ,

аз ҳуқуқҳои худ ҳимоя карда наметавонанд. Доир ба ин савол дар сатҳи минтақаҳо ба диаграммаи зер нигаред.

**Диаграммаи 9. Ба фикри Шумо сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба оқибатҳои зараровари коррупсия кофист?** (фоиз)




Вобаста ба он, ки ҳолатҳои коррупсионӣ ба кишварӣ мо ва ҷомеа чӣ таъсир мерасонанд, фикру андешаи респондентон гуногун буда, таҳлили масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки ба саволи «**Ба андешаи Шумо, ҳолатҳои коррупсионӣ баояндаи кишвари мо ва ҷомеа чӣ таъсир расонида метавонад?**» (диаграммаи 10) 25%-и респондентон мавҷудияти ҳолатҳои коррупсионӣ «Баояндаи кишвар таъсири манфӣ мерасонад» ҷавоб доданд. Дар баробари ин, респондентои андеша доранд, ки ин ҳолат минбаъд:

- «Ҳамчун як ҷараёни муқаррарии зиндагӣ идома меёбад» - 18,3%;
- «Монеаи рушди давлат мегардад» - 10,2%;
- «Эътимоди шаҳрвандонро ба давлат суст мегардонад» - 7,4%;
- «Беэҳтиромӣ нисбати қонун ва вайрон кардани талаботи он» - 5,2%;
- «Поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон» - 5%;
- «Таназзули иқтисодӣ ва афзоиши камбизоатӣ мегардад» - 4,3%;
- «Ба вуҷуд омадани бетартибию бенизомӣ» - 3,6%;
- «Наедонам» - 3,3%.

Ҳамзамон, дар байни респондентон нафароне низ буданд, ки ба андешаи онҳо ҳолатҳои коррупсионӣ «Баояндаи ҷамъият ва давлат таъсири мусбат мерасонад» - 7,2%, «Ба пешрафти иқтисодиёти давлат мусоидат менамояд» - 3% ва «Барои дастрасии хизматрасонӣ ва паст шудани арзиши маҳсулот мусоидат мекунанд» 1,9%-ро ташкил медиҳад. Андешаҳои респондентон доир ба таъсири ҳолатҳои коррупсионӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он барои маълумот дар шакли диаграмма нишон дода мешавад (диаграммаи 10).

**Диаграммаи 10. Ба андешаи Шумо, ҳолатҳои коррупсионӣ баояндаи кишвари мо ва ҷомеа чӣ таъсир расонида метавонад?** (фоиз)



Ҳамчунин, аз таҳлили ҷавобҳои респондентон бар меояд, ки онҳо ҷиҳати ҳалли мушкилоти масъалаи мазкур барои коҳиш додан ва мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб роҳу воситаҳои гуногунро пешниҳод менамоянд.

Аз ин рӯ, дар рафти пурсиши сотсиологӣ ба респондентон ҷиҳати коҳиш додан ва мубориза ба ҳолатҳои коррупсионӣ бо саволи **«Ба назари Шумо бояд кадом тадбирҳоро барои мубориза ва коҳиш додани сатҳи коррупсия дар ҷомеа самаранoктар истифода намуд?»** (диаграммаи 11) муроҷиат карда шуд. Дар ҷавоб, аз шумораи умумии ба тадқиқот фарогирифташудагон, яъне 21,8% қайд намуданд, ки «Сахттар кардани ҷазо барои ҷиноятҳои коррупсионӣ» ва ба андешаи 21,6% «Зиёд намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ» барои мубориза ва коҳиш додани ҳолатҳои коррупсионӣ дар байни аҳолӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, 12,5% қайд намуданд, ки ҷиҳати бартараф намудан ё коҳиш додани он «Баланд бардоштани музди меҳнат ва беҳтар намудани шароити кории хизматчиёни давлатӣ» мусоидат намуда, ба ақидаи 10,6% «Барканорӣ аз мансаб» дар бештар мавридҳо боиси коҳиш додани ҳолатҳои коррупсионӣ мегардад. Ҳамзамон, 6,3% «Истифодаи технологияҳои муосир барои пешгирии коррупсия» ва 6,3% респондентон «Интихоб ва таъйини кадрҳои болаёқат ва ихтисосмандро ба мансабҳои давлатӣ», 6,2% «Рақамикунонии соҳа», 5,3% «Паст кардани монеаҳои бюрократӣ ва содда кардани расмиёти маъмурӣ», 4,2% «Ташкил намудани платформаи боварӣ барои ирсоли паёмакҳои махфӣ доир ба ҳолатҳои коррупсионӣ» ва 3% «Шаффофияти хариди давлатӣ»-ро роҳҳои самараноки мубориза ба ҳолатҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани он арзёбӣ намуда, ҳамагӣ 2,2% фикри худро баён карда натавонистанд.

Фикру андешаи респондентон барои муқоиса дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишвар дар диаграммаи зер нишон дода мешавад.

**Диаграммаи 11. Ба назари Шумо бояд кадом тадбирҳоро барои мубориза ва коҳиш додани сатҳи коррупсия дар ҷомеа самараноктар истифода намуд?** (фоиз)



Таҷриба нишон медиҳад, ки нақши аҳолӣ ҷиҳати бартараф намудани ҳаргуна мушкилоти ҷомеа ва пешгирии он хеле муҳим мебошад. Зеро, мубориза бо ҳолатҳои гуногуни номатлуб, аз ҷумла ҳолатҳои коррупсионӣ аз фаъолнокӣ ва сатҳи маърифати аҳолӣ вобастагии зиёд дорад. Доир ба ин, барои муайян намудани нақши шаҳрвандон дар мубориза бо коррупсия ба респондентон чунин савол пешниҳод гардид: **«Ба назари Шумо шаҳрвандон метавонанд дар мубориза ба коррупсия нақши муҳим дошта бошанд?»** (диаграммаи 12). Зимни таҳлил маълум гардид, ки аксарияти респондентон, яъне 57,4% нақши муҳим доштани шаҳрвандонро дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб арзёбӣ намуда, 16,3% қайд намуданд, ки шаҳрвандон ягон нақш надоранд. Дар баробари ин 26,3%-и респондентон андешаи худро баён карда натавонистанд.

Дар сатҳи минтақаҳо низ, мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро дар иштироки фаъолонаи шаҳрвандон медонанд. Аз ҷумла, дар вилоятҳои Суғд 64,9%, Хатлон 59,3%, шаҳри Душанбе 56,3%, ВМКБ 48,8% ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 48,1%-и респондентон бар он ақидаанд, ки шаҳрвандон дар мубориза бо коррупсия нақши хеле муҳим доранд. Аксарияти онҳо қайд намуданд, ки агар шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ огаҳ бошанд ва сатҳи маъифатнокиашон баланд бошад, пас метавонанд бо ин зуҳуроти номатлуб мубориза баранд.

**Диаграммаи 12. Ба назари Шумо шаҳрвандон метавонанд дар мубориза ба коррупсия нақши муҳим дошта бошанд?** (фоиз)




Ҷуноне мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, имрӯз дар байни ҷомеа бар ивази ҳалли мушкилот пешниҳод ё гирифтани пора ё тӯҳфа дар кадом шакле набошад, ба як одати муқаррарии ҳаёти ҷомеа гардидааст. Аксарият маҷбур

мешаванд ва кӯшиш менамоянд, ки барои ҳарчӣ зудтар ҳал гардидани мушкилоташон ришва диҳанд. Зеро, онҳо дарк менамоянд, ки бе пешниҳоди ришва ё пора дар зиндагӣ муваффақ намешаванд ва корашон пеш намеравад. Вобаста ба ин, ба респондентон бо саволи **«Ба фикри Шумо агар шахс ришва надиҳад, ба кадом ҳолат дучор мегардад»** (диаграммаи 13), муроҷиат намудем. Зимни таҳлили ҷавобҳои респондентон маълум мегардад, ки аксарият ба хотири дар зиндагӣ муваффақ гардидан ва корашон пеш рафтан ришва ё пора медиҳанд. Аз ҷумла, 31,3%-и респондентон қайд намуданд, ки дар ҳолати ришва надодан шахс «дар зиндагӣ муваффақ намегардад (аз ҷумла, барои гирифтани мансаб, дохилшавӣ ба мактаб ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, боғчаи бачагона)», ба андешаи 24,1% «кораш пеш намеравад (аз ҷумла, болоравии мансабӣ)» ва 13,4% бар он ақидаанд, ки агар шахс пора пешниҳод накунад «ба ӯ фишор меоранд». Дар баробари ин, миқдори муайяни респондентон буданд, ки ба андешаи онҳо агар шахс ришва надиҳад, бо ин амали худ «барои риояи қонун замина мегузорад» ва «дар ҷомеа соҳиби нуфуз мегардад», ки мутаносибан 19,1 ва 12,1%-ро ташкил медиҳанд.

Фикру андешаҳои респондентон доир ба ин масъала дар сатҳи минтақаҳои кишвар дар диаграмаи зер нишон дода мешавад.

**Диаграммаи 13. Ба фикри Шумо агар шахс ришва надиҳад ба кадом ҳолат дучор мегардад?** (фоиз)



Чуноне дар боло қайд гардид, пешгирии ҳамагуна ҳолатҳои номатлуб бевосита аз фаъолнокию маърифатнокии аҳолӣ вобаста мебошад. Яке аз роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб иштироки фаъолонаи шаҳрвандони кишвар мебошад, ки онҳо то чӣ андоза масъулиятро дарк менамоянд. Дар ин самт, ҳангоми дучор гардидан ё ошкор гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ ба мақомоти дахлдори соҳа ҳамкорӣ намудани шаҳрвандаон яке аз роҳҳои муҳими пешгирӣ ва мубориза бо ҳолатҳои коррупсионӣ маҳсуб меёбад.

Барои муайян намудани фикру андешаҳои шаҳрвандон доир ба ин масъала ба респондентон саволи **«Оё Шумо медонед, ки ҳангоми дучор шудан ба ҳолатҳои коррупсионӣ ба кучо мурочиат намоед?»** пешниҳод гардид. Таҳлили чавобҳо нишон доданд, ки 59,5%-и респондентон ҳангоми дучор гардидан ба ҳолатҳои коррупсионӣ медонанд ба кучо мурочиат намоянд. Аммо, 40,5%-и онҳо дар ин ҳолат ба кучо мурочиат кардани худро намедонистанд.

**Диаграммаи 14. Оё Шумо медонед, ки ҳангоми дучор шудан ба ҳолатҳои коррупсионӣ ба кучо мурочиат намоед?** (фоиз)




Барои боз ҳам дақиқ намудани респондентоне, ки чавоби «Ҳа»-ро интихоб карданд ва ба кучо мурочиат кардани худро медонанд, саволи навбатӣ, яъне **«Пас ба кучо мурочиат кардан зарур аст?»** (чадвали 5), пешниҳод карда шуд. Таҳлили натичаи чавобҳо нишон медиҳанд, ки 61,4%-и респондентон масъалаи тадқиқшавандаро дуруст дарк менамоянд ва медонанд, ки ба мақомоти дахлдори соҳа, яъне Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи кишвар мурочиат намоянд. Ҳамзамон,

13,96% қайд намуданд, ки ба Прокуратура, 9,46% ба Вазорати корҳои дохилӣ, 3,86% ба роҳбари муассиса, 3,68% Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3,26% Суд, 2,8% Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1,28% «ба роҳбари бевосита» муроҷиат намудан лозим аст. Ҳамчунин, 0,3% респондентон, ки ҷавоби «дигар»-ро интихоб намуда, қайд намуданд, ки «ба ҳамаи мақомотҳои номбаршуда», «ба рӯзноманигорон» муроҷиат кардан лозим аст, инчунин, қисме аз онҳо қайд карданд, ки «ба ягонтааш, худашон даст ба коррупсия мезананд».

**Ҷадвали 5. Пас ба куҷо муроҷиат кардан зарур аст?** (фоиз)

| | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6,85 | 10,14 | 9,94 | 11,22 | 8,79 | 9,46 |
| Прокуратура | 12,35 | 16,62 | 9,26 | 18,99 | 14,21 | 13,96 |
| Суд | 2,60 | 1,41 | 2,1 | 4,98 | 3,75 | 3,26 |
| Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3,62 | 10,70 | 2,33 | 2,67 | 5,13 | 3,68 |
| Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 67,97 | 41,13 | 69,75 | 56,67 | 54,89 | 61,4 |
| Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3,15 | 9,30 | 3,13 | 1,07 | 2,57 | 2,8 |
| Ба роҳбари муассиса | 2,44 | 7,89 | 3,31 | 3,03 | 6,52 | 3,86 |
| Ба роҳбари бевосита | 0,86 | 2,25 | 0,18 | 1,07 | 3,55 | 1,28 |
| Дигар | 0,16 | 0,56 | 0,00 | 0,30 | 0,59 | 0,30 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Ба кадом мақомоти дахлдор муроҷиат намудани шаҳрвандон ҳангоми ба ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидан, як тарафи масъала буда, тарафи дигар, то чӣ андоза онҳо оиди ин амалӣ номатлуб ба мақомот муроҷиат менамоянд, хеле зарур аст. Оиди ин масъала ба респондентон, ки ба куҷо муроҷиат кардани худро медонанд, саволи **«Оё боре шудааст, ки Шумо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ ба ягон мақомот ё роҳбари муассисаҳо расман муроҷиат карда бошед?»** пешниҳод гардид. Таҳлили ҷавобҳо нишон медиҳад, ки натиҷаи ҷавоби респондентон хеле нигаронкунанда буда 86,3%-и онҳо қайд намуданд, ки расман муроҷиат накардаанд. Ҳамагӣ 13,7%

расман мурочиат кардани худро тасдиқ намуданд. Ин ҳолат дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишвар низ нигаронкунанда мебошад, ки он дар диаграммаи зер нишон дода мешавад.

**Диаграммаи 15. Оё боре шудааст, ки Шумо оиди ҳолатҳои коррупсионӣ ба ягон мақомот ё роҳбари муассисаҳо расман мурочиат карда бошед?**
(фоиз)




Тибқи ҷавоби респондентон ба мақомотҳои дахлдор расман мурочиат накардани онҳо сабабҳои гуногун дорад. Аз ин рӯ, барои дақиқ намудани сабабҳои он саволи навбатӣ, яъне **«Агар «НЕ» пас барои чӣ?»** (ҷадвали 6), дода шуд. Дар ҷавоб респондентон фикру андешаи худро ба тариқи зайл арзёбӣ намуданд:

- 22,3 % телефони боварӣ нест/намедонанд;
- 18,6% мурочиат кардан фоида надорад;
- 14,5% шахсан ба ҳолати коррупсионӣ дучор нашудаанд;
- 10,9% роҳбарияти муассисаҳо аз амалҳои коррупсионии кормандонашон дарак доранд, вале чора намеандешанд;
- 10,2% ба мақомотҳо бовар надоранд;
- 7,6% роҳбарон худ ба амалҳои коррупсионӣ даст мезананд;
- 5,5% роҳбарони мақомот шахсан шаҳрвандонро қабул намекунанд;
- 5,2% аз мурочиат ба мақомотҳои дахлдор хаста шуданд;

Дар баробари ин, 5,2%-и респондентон ба дигар ҷавобҳоро интихоб намуданд, миқдори камро ташкил медиҳанд, ки ин ҷавобҳо дар ҷадвали зерин оварда мешаванд.

**Ҷадвали 6. Агар «НЕ» пас барои чӣ?** (фоиз)

| | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ба мақомотҳо бовар надорам | 15,6 | 9,6 | 9,6 | 7,2 | 10,0 | 10,2 |
| Роҳбарони мақомот шахсан шаҳрвандонро қабул намекунанд | 5,2 | 3,8 | 9,9 | 2,2 | 5,9 | 5,5 |
| Аз муроҷиат ба мақомотҳои дахлдор хаста шудам | 4,6 | 4,2 | 5,4 | 5,9 | 4,6 | 5,2 |
| Муроҷиат кардан фоида надорад | 22,4 | 17,0 | 17,9 | 14,0 | 23,1 | 18,6 |
| Телефони боварӣ нест/намедонам. | 21,4 | 24,3 | 27,3 | 20,7 | 18,7 | 22,3 |
| Роҳбарияти муассисаҳо аз амалҳои коррупсионии кормандонашон дарак доранд, вале чора намеандешанд | 8,7 | 5,2 | 12,6 | 11,3 | 12,0 | 10,9 |
| Роҳбарон худ ба амалҳои коррупсионӣ даст мезананд | 10,7 | 7,1 | 6,6 | 4,2 | 11,1 | 7,6 |
| Ба ҳолати коррупсионӣ дучор нашудаам | 9,9 | 25,2 | 9,6 | 26,7 | 3,5 | 14,5 |
| Намедонам | 0,4 | 0,4 | 0,3 | 1,5 | 6,0 | 1,7 |
| Лозим надонистам | 0,6 | 0,4 | 0,2 | 2,2 | 1,7 | 1,1 |
| Агар зарур шуд муроҷиат мекунам | 0,4 | 0,0 | 0,1 | 0,5 | 0,8 | 0,4 |
| Барои худат дарди сар мешавад | 0,0 | 0,2 | 0,0 | 0,8 | 0,4 | 0,3 |
| Бефоида аст | 0,1 | 0,8 | 0,0 | 0,6 | 0,3 | 0,3 |
| Метарсам | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,5 | 0,0 | 0,1 |
| Дигар | 0,1 | 1,7 | 0,3 | 1,8 | 1,9 | 1,1 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Барои муайян намудани он, ки имрӯз шаҳрвандони мо оё дар бораи мақомоти соҳавӣ, ки бевосита дар мубориза ба ҳолатҳои коррупсионӣ фаъолият дорад, маълумот доранд ё не ба респондентон савол дода шуд, ки **«Оё Шумо суроға, рақами телефони боварӣ ё почтаи электронии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонед?»** (диаграммаи 16). Дар ҷавоб, ҳамагӣ 28,2%-и респондентон оиди ин мақомот маълумот доранд ва 71,8%-и онҳо намедонанд. Таҳлили ҷавобҳо нишон медиҳад, ки дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишвар низ, аксарияти шаҳрвандон доир ба мақомоти мазкур маълумот надоранд.

**Диаграммаи 16. Оё Шумо суроға, рақами телефони боварӣ ё почтаи электронии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонед?** (фоиз)




Пешгирӣ ва мубориза бо ҳолатҳои коррупсионӣ аз шаффофияти фаъолияти мансабдорони давлатӣ вобастагии калон дорад. Зеро, шаҳрвандон маҳз фаъолияти онҳоро нигоҳ карда, шаффофияти онро арзёбӣ менамоянд.

Вобаста ба ин масъала аз респондентон пурсида шуд, ки **«Шумо ба шаффофияти фаъолияти мансабдорони давлатӣ то чӣ андоза эътимод доред?»** (ҷадвали 7), 34%-и онҳо бар он ақидаанд, ки мансабдорони давлатӣ то қадри имкон бо коррупсия мубориза мебаранд ва 13%-и респондентон ба шаффофияти фаъолияти онҳо боварии комил доранд. Яъне онҳо эътимод доранд, ки имрӯз аксари мансабдорони мо дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб бетараф нестанд.

Дар баробари ин, 20,8% қайд намуданд, ки «фаъолияти мансабдорони давлатӣ шаффоф нест» ва ба андешаи 15%-и респондентон «мансабдорон аз вазифа сӯйистифода мекунанд», инчунин, 9,8% «мансабдорони давлатӣ ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд», «дар иҷрои вазифаи давлатӣ бепарвоию беэътиноӣ зоҳир менамоянд» -7,3%.

Ҳамзамон, таҳлили эътимоди шаҳрвандон ба шаффофияти фаъолияти мансабдорони давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо дар ҷадвали зер оварда мешавад.

**Ҷадвали 7. Шумо ба шаффофияти фаъолияти мансабдорони давлатӣ то кадом андоза эътимод доред?** (фоиз)

| | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мансабдорони давлатӣ ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд | 11,5 | 11,0 | 11,3 | 4,7 | 13,5 | 9,8 |
| Мансабдорони давлатӣ то қадри имкон бо коррупсия мубориза мебаранд | 25,6 | 22,8 | 37,5 | 44,7 | 26,3 | 34,0 |
| Фаъолияти онҳо шаффоф нест | 26,2 | 22,8 | 21,3 | 17,1 | 18,7 | 20,8 |
| Ба шаффофияти фаъолияти онҳо боварии комил дорам | 9,9 | 21,7 | 11,8 | 16,9 | 9,7 | 13,0 |
| Дар иҷрои вазифаи давлатӣ бепарвоию беэътиноӣ зоҳир менамоянд | 8,1 | 8,3 | 5,3 | 5,1 | 12,4 | 7,3 |
| Аз мансаб сӯйистифода мекунанд | 18,7 | 13,3 | 13,0 | 11,5 | 19,5 | 15,0 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Барои муайян намудани омодагӣ ва ҳамкории аҳолӣ бо мақомоти дахлдор ҷиҳати мубориза бо коррупсия ба респондентон саволи навбатӣ **«Оё Шумо омода ҳастед, ки барои мубориза бо коррупсия бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ намоед?»** (диаграммаи 17), пешниҳод гардид, ки дар ҷавоб 60,9%-и респондентон ҷавоби мусбат дода, 39,1%-и онҳо рад карданд. Дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишвар низ, ҳолат ҳамин тавр арзёбӣ мегардад (нигаред ба диаграммаи зер).

**Диаграммаи 17. Оё Шумо омода ҳастед, ки барои мубориза бо коррупсия бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ намоед?** (фоиз)



Тавре маълум аст, яке аз роҳҳое, ки ба паҳн гардидани коррупсия дар байни ҷомеа мусоидат мекунад, ин меъёрҳои фарҳангию иҷтимоӣ мебошад. Имрӯз мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар байни аксарияти шаҳрвандон ҳолатҳои коррупсионӣ то андозае ба урфу одат табдил ёфта, иштирокчиёни он (яъне ҳам шахси порадиҳанда ва ҳам порагиранда) ин зуҳуроти номатлубро ҳамчун анъана қабул менамоянд. Доир ба ин масъала назари шаҳрвандон мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба респондентон саволи **«Ба фикри Шумо, то чӣ андоза меъёрҳои фарҳангию иҷтимоӣ (урфу одат, анъанаҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ, маънавӣ, динию ахлоқӣ) ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд»** (диаграммаи 18), пешниҳод карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи андешаҳои 29,82%-и респондентон фарҳанги пасти ҷомеа ба паҳншаваии коррупсия мусоидат мекунад. Ҳамзамон, 26,94%-и онҳо иброз доштанд, ки имрӯз ҷомеаи моро бе коррупсия тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тибқи назари 16,84% вазъи номусоиди иҷтимоӣ ба паҳншавии коррупсия мусоидат намуда, 13,78% бар он ақидаанд, ки мансабдорон аз фарҳанги паст ва вазъи иҷтимоӣ суйистифода мекунанд. Дар баробари ин, ба андешаи 12,62%-и респондентон меъёрҳои фарҳангӣ ё иҷтимоӣ ба паҳншавии коррупсия таъсир намерасонад. Масъалаи мазкур дар сатҳи минтақаҳои кишвар гуногун арзёбӣ гардидааст, ки он дар диаграммаи зер оварда мешавад.

**Диаграммаи 18. Ба фикри Шумо, то чӣ андоза меъёрҳои фарҳангию иҷтимоӣ (урфу одат, анъанаҳо, ҳуқуқӣ, маънавӣ, динию ахлоқӣ) ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд?** (фоиз)



Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи мақомоти дахлдори соҳа тибқи нақшаи чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа давра ба давра корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода мешавад. Саволи навбатие, ки аз ҷониби респондентон арзёбӣ гардид, вобаста ба тағйирот ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ мебошад. Дар доираи ин ба респондентон бо саволи **«Оё Шумо дар тӯли чанд соли охир ягон тағйиротро ҷиҳати пешгирии коррупсия дар ҷомеа ё ҷойи коратон мушоҳида кардаед?»** (диаграммаи 19). Зимни таҳлил ҷавобҳои респондентон гуногун буда, 23,4% қайд намуданд, ки сатҳи коррупсия поён рафтааст ва 22,3% бар он назаранд, ки сатҳи коррупсия боло рафтааст. Ба андешаи миқдори муайяни респондентон ягон тағйирот нест ё тағйирот ҳаст, аммо натиҷа надорад, ки мутаносибан 22,2 ва 18,3%-ро ташкил медиҳад. Ба андешаи 13,8% чораҳои зиддикоррупсионӣ зиёданд, вале бе иродаи қавии роҳбарон ва шахсони масъули мақомоти давлатӣ ин иқдомҳо натиҷа намедиҳанд. Таносуби ҷавобҳои респондентонро вобаста ба ин масъала дар сатҳи минтақаҳои кишвар ба диаграммаи зер нигаред.

**Диаграммаи 19. Оё Шумо дар тӯли чанд соли охир ягон тағйиротро ҷиҳати пешгирии коррупсия дар ҷомеа ё ҷойи коратон мушоҳида кардаед?** (фоиз)




Иттилоотонии аҳолӣ доир ба коррупсия ва мубориза бо он нақши васоити ахбори омма ва фаъолнокии он хеле таъсиррасон буда, яке аз роҳҳои асосии паҳн намудани иттилоот ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин масъала аз

респондентон пурсида шуд, ки **«Ба назари Шумо кадом намуди воситаҳои ахбори омма бештар дар бораи коррупсия ва муқовимат бо ин зуҳурот иттилоъ/барнома паҳн мекунанд»** (диаграммаи 20), дар ҷавоб 35,6%-и респондентон қайд намуданд, ки доир ба ин зуҳурот тавассути телевизион ва ба назари 13,6% дар радио иттилоъ ё барнома паҳн мегардад. Ҳамин тавр, ба ақидаи 11,3% дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook; 5,8% дар You tube; 5,2% дар Instagram; 3,1% дар Tik Tok; 3% дар Telegram иттилоъ паҳн карда мешавад. Ҳамзамон, тибқи андешаи респондентон дар рӯзномаю маҷаллаҳо ва сомонаҳои расмӣ оид ба муқовимат иттилоъ паҳн мегардад, ки мутаносибан 8,7 ва 7,1%-ро ташкил медиҳад. Микдори респондентоне, ки ҳамаи воситаҳои ахбори номбаршударо интихоб намуданд, 5,6% мебошанд.

Дар баробари ин, респондентон ҷавоби «дигар»-ро (1%) интихоб намуда, аз ҷумла чунин қайд карданд: «дар ин бора хабар надорам», «смс паёмакҳо», «шиору овезаҳо (банер)», «ҷомеаи шаҳрвандӣ (занакои лаби ҷуй)», «барқ нест маълумот надорам», «пештар ҳунармандони номдор саҳна намоиш медоданд», «вақтҳои охир қариб, ки намебинем», «вақтҳои пештар ҳама аз порахурӣ гап мезаданд, ҳоло телевизион, радио, сомонаҳо ҳама хомушанд, гуе фасод дар ҷомеа нест шуда бошад».

**Диаграммаи 20. Ба назари Шумо кадом намудҳои воситаҳои ахбори омма бештар дар бораи коррупсия ва муқовимат бо ин зуҳурот иттилоъ/барнома паҳн мекунанд?** (фоиз)



Дар сатҳи минтақаҳо таҳлили ҷавобҳои саволи мазкур нишон медиҳад, ки аз васоити ахбори омма телевизион сарчашмаи асосии паҳнкунандаи иттилоот доир ба коррупсия ва муқовимат бо ин зуҳурот мебошад, ки таносуби он тибқи ҷавобҳои респондентон дар ҷадвали 8 нишон дода мешавад.

**Ҷадвали 8. Ба назари Шумо кадом намудҳои воситаҳои ахбори омма бештар дар бораи коррупсия ва муқовимат бо ин зуҳурот иттилоъ/барнома паҳн мекунанд?** (%, дар сатҳи минтақаҳо)

| | **Душанбе** | **ВМКБ** | **Суғд** | **Хатлон** | **НТҶ** | **Ҷумҳурӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Телевизион | 27,4 | 33,0 | 42,4 | 37,4 | 35,4 | 35,6 |
| Радио | 12,5 | 15,7 | 12,4 | 14,0 | 15,3 | 13,6 |
| Facebook | 13,5 | 18,9 | 9,1 | 9,4 | 11,6 | 11,3 |
| TikTok | 3,3 | 4,3 | 2,8 | 3,3 | 2,6 | 3,1 |
| Instagram | 5,7 | 3,6 | 4,0 | 5,7 | 6,0 | 5,2 |
| Telegram | 3,8 | 3,8 | 2,4 | 2,9 | 2,6 | 3,0 |
| You tube | 5,2 | 6,8 | 6,4 | 6,7 | 3,7 | 5,8 |
| Рӯзномаю маҷаллаҳо | 9,2 | 7,3 | 8,5 | 8,4 | 9,5 | 8,7 |
| Сомонаҳои расмӣ | 8,8 | 4,3 | 8,0 | 5,3 | 7,5 | 7,1 |
| Ҳамаи номбаршудагон | 10,2 | 1,5 | 3,4 | 5,3 | 4,6 | 5,6 |
| Дигар | 0,4 | 0,8 | 0,5 | 1,6 | 1,2 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Саволи минбаъда ба тарғибу ташвиқи муқовимат ба коррупсия ва омилҳои пешгирии он аз ҷониби мутахассисони касбу кори гуногун равона гардида, ба респондентон саволи зерин дода шуд: **«Ба фикри Шумо киҳо метавонанд дар тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва паст кардани шиддати он саҳми назаррас гузоранд?»** (диаграммаи 21). Дар ҷавоб, аксарият ё худ 30,3% қайд намуданд, ки рӯзноманигорон метавонанд дар тарғибу ташвиқи чораҳои зиддикоррупсионӣ ва пешгирию паст намудани шиддати омилҳои коррупсионӣ саҳми назаррас гузошта метавонанд.

Ҳамзамон, ба андешаи 16,9%-и респондентон кормандони ҳифзи ҳуқуқ метавонанд саҳми назаррас дошта, шоирону нависандагон ва блогерон низ метавонанд саҳми назаррас гузоранд, ки мутаносибан 12,6% ва 12,2%-ро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, 10,9% бар он ақидаанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ; 9,63% шахсони мансабдор ва ба назари 6,8%-и респондентон шахсони маъруф метавонанд доир ба тарғибу ташвиқи масъалаи мазкур саҳми назаррас дошта бошанд (ҷавоби респондентон доир ба ин савол дар сатҳи минтақаҳо дар ҷадвали 9 оварда мешавад). Ҳамзамон, респондентон ҷавоби

«дигар»-ро (0,83%) интихоб намуда, аз ҷумла чунин қайд карданд, ки дар муқовимат бо коррупсия бояд «ҳама дар якҷоягӣ» ва «кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ» мубориза баранд.

**Диаграммаи 21. Ба фикри Шумо киҳо метавонанд дар тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва паст кардани шиддати он саҳми назаррас гузоранд?** (фоиз)




**Ҷадвали 9. Ба фикри Шумо киҳо метавонанд дар тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва паст кардани шиддати он саҳми назаррас гузоранд?** (фоиз)

| | **Душанбе** | **ВМКБ** | **Суғд** | **Хатлон** | **НТҶ** | **Ҷумҳурӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Рӯзноманигорон | 29,1 | 34,4 | 28,3 | 29,5 | 35,2 | 30,3 |
| Блогерон | 11,9 | 14,5 | 12,3 | 11,4 | 13,1 | 12,2 |
| Шоирону нависандагон | 14,0 | 11,1 | 10,2 | 14,1 | 11,5 | 12,6 |
| Шахсони маъруф | 7,2 | 4,2 | 7,0 | 7,2 | 5,7 | 6,8 |
| Ҷомеаи шаҳрвандӣ | 11,2 | 9,6 | 11,6 | 9,3 | 12,8 | 10,9 |
| Шахсони мансабдор | 10,2 | 7,1 | 8,3 | 11,3 | 8,4 | 9,6 |
| Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 16,1 | 18,8 | 22,1 | 15,2 | 12,7 | 16,9 |
| Дигар | 0,3 | 0,3 | 0,1 | 2,0 | 0,6 | 0,8 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Ниҳоят саволи ҷамъбастии тадқиқоти мазкур оид ба таъсири ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рафтори аҳолӣ дар самти муқовимат ба коррупсия равона гардида, аз респондентон пурсида шуд, ки **«То кадом дараҷа ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рафтори аҳолӣ дар самти муҷовимат ба коррупсия таъсир расонида метавонад?»** (диаграммаи 22), дар ҷавоб 30,4% таъсири мусбат

расонидани онро қайд намуда, 18,9% иброз доштанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсир намерасонад.

Ҳамзамон, ба андешаи 50,7%-и респондентон ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рафтори аҳолӣ дар самти муқовимат ба коррупсия каму беш таъсир мерасонад. Дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар низ, аксарияти респондентон бар он андешаанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба масъалаи мазкур каму беш таъсир мерасонад, нигаред ба диаграммаи зер.

**Диаграммаи 22. То кадом дараҷа ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рафтори аҳолӣ дар самти муқовимат ба коррупсия таъсир расонида метавонад?** (фоиз)




## ХУЛОСА

Ҳамин тавр, қайд кардан зарур аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии тадқиқоти маҷмӯии сотсиологӣ вобаста ба зуҳуроти коррупсия ба даст овардани маълумоти боэътимод ва фикру андешаҳои воқеъбинонаи шаҳрвандон оид ба зуҳуроти коррупсионӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи тадқиқотчиён мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифта шуд. Аз натиҷаи тадқиқот метавон чунин хулоса намуд:

1. Дар раванди пурсиш маълум гардид, ки дар аксари минтақаҳои кишвар доир ба ҷой доштани омилҳои коррупсионӣ мушкилоти асосии тадқиқоти маҷмуии сотсиологӣ набудани равобити боэътимоди аҳолӣ бо намояндагони мақомоту идораҳои давлатӣ ба шумор рафта, қисми муайяни респондентон ҳангоми пурсиш бо эҳтиёт кӯшиш мекарданд, ки аз посух додан ба саволҳо худдорӣ намоянд. Бештари онҳо, аз ҷумла, соҳибкорон, муҳоҷирони меҳнатӣ, ҷавонон, донишҷуён, маъюбон, бекорон, ходимони дин ва деҳқонон дар аксари ҳолатҳо кӯшиш мекарданд, ки аз посух додан натанҳо оиди фаҳмиши коррупсия, балки аз ҷавоб додан ба ҳама саволҳо худдорӣ намоянд.

2. Новобаста аз ин, ба тадқиқотчиёни мо муяссар гардид, ки дар доираи интихобномаи тадқиқот қишрҳои гуногуни ҷомеаро дар тадқиқот фаро гирифта, тибқи саволномаи тартибдодашуда пурсиши худро ба анҷом расонанд. Дар раванди тадқиқот надоштани тасаввуроти зарурӣ вобаста ба зуҳуроти коррупсия ва дарки амиқи сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия аз ҷониби аксарияти шаҳрвандон мушоҳида гардида, қисми зиёди онҳо ба ҳолатҳои коррупсионӣ дучор гардидани худро инкор карданд, ки ин аз далели ҳамчун иштирокчии ҳолатҳои коррупсионӣ будани онҳо дарак медиҳад.

3. Таҳлили натиҷаи тадқиқот собит месозад, ки коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуб дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа вуҷуд дошта, шаҳрвандон қариб дар ҳамаи сохторҳои давлатии дахлдор вобаста ба мушкилоташон дучор гардида, дар маҷмӯъ, тибқи андешаи аксари ба тадқиқот фарогирифташудагон ба як ҳолати муқаррарии ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандони кишвар табдил ёфтааст. Ин аст, ки аксарияти респондентон зимни пурсиш вуҷуд доштани ҳолатҳои коррупсиониро тасдиқ намуда, қайд менамоянд, ки шахсан худашон барои ҳалли мушкилоташон ба ин зуҳуроти номатлуб даст задаанд. Тибқи таҳлили ҷавобҳои респондентон дар сатҳи ҷумҳурӣ таҳлили ҷавобҳои респондентон нишон медиҳанд, ки онҳо бештар дар соҳаҳои маориф (20%), тандурустӣ (16,7%), сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ (милитсия) (19%), Вазорати адлия (9,1%), Мақомоти судӣ (6,5%), бахши энергетика (4,4%), Прокуратура (3%), Вазорати мудофиа (2,7%) Кумитаи андоз ва нозироти андоз дар маҳал (2,6%), Кумитаи идораи замин дар маҳал (1,4%), Кумита меъморӣ ва сохтмон (1,4%), бонкҳо (1,1%), мақомоти гумрук, раёсатҳои минтақавии гумрукӣ (1%), соҳаи нақлиёт (1%), Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (ҷамоат, маҳалла ва ғайра) (0,9%) ва ғайраҳо рӯ ба рӯ гардидаанд.

4. Тибқи назарсанҷӣ маълум гардид, ки имрӯз ҳолатҳои коррупсионӣ бештар дар сохторҳои давлатие, ки фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо бевосита бо иштироки ҷомеа сурат мегирад, паҳн гардидааст. Аз ҷумла, соҳаҳои серистеъмоли ҷомеа, аз қабили маорифу тандурустӣ, сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ, адлия, мақомоти судӣ, бахши энергетика, Кумитаи андоз ва нозироти андоз дар маҳал, Кумитаи давлатии идораи замин дар маҳал, мақомоти прокуратура ва ғайраҳо аз он сохторҳое мебошанд, ки аксарияти шаҳрвандон мавҷудияти ҳолатҳои коррупсиониро тасдиқ намудаанд.

5. Аксарияти респондентоне, ки дар минтақаҳои шаҳрӣ зиндагӣ мекарданд, аз ҳолатҳои коррупсионӣ дар шаҳрҷойҳо нигаронӣ намуда, изҳор доштанд, ки бештар дар шаҳрҷойҳо онҳоро ҳолатҳои коррупсионӣ дар сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла, Кумитаи андоз, КФБТ «Бақайдгирии молу

мулки ғайриманқул» (МБТИ), Идораи давлатии нотариалӣ (натариус), сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ), Шабакаҳои тақсимот ва фурӯши барқ, Кумитаи идораи замин, кормандони БДА, соҳаҳои маорифу тандурустӣ ташвиш медиҳанд. Шаҳрвандон вобаста ба масъалаи тадқиқшаванда сабабҳои асосии пайдо гардидани ҳолатҳои коррупсиониро, пеш аз ҳама, сатҳи пасти музди меҳнат ё шароити зиндагӣ ва кӯшиши ба даст овардани даромади иловагӣ рабт медиҳанд, ки ин метавонад ба ояндаи кишвар таъсири манфӣ расонад.

6. Тибқи андешаи респондентон аз тарафи мутахассисони соҳаҳои гуногун бар ивази хизматрасониҳо ситонидани маблағ ё тӯҳфа бо роҳҳои гуногун анҷом дода мешавад, ки он аксари шаҳрвандонро ба ташвиш овардааст. Раванди пурсиш нишон дод, ки тибқи назари пурсидашудагон шахсоне, ки мушкилоти шаҳрвандонро ҳал менамоянд, бар ивази хизматрасониашон ошкоро пора талаб менамоянд ё худ ҷиҳати ба даст овардани он ба шаҳрвандон ишора мекунанд. Дар баробари ин, қисми муайяни шаҳрвандон ба хотири саривақт ҳал намудани мушкилоташон бо хоҳиши худашон ба мутахассиони ин ё он соҳа пора пешниҳод мекунанд, ки ин ҳолатҳо бевосита ба паҳн гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар байни ҷомеа мусоидат менамояд.

7. Вобаста ба талаб намудани пора ё тамаъҷӯӣ аз тарафи баъзе иштирокчиёни ҳолатҳои коррупсионӣ дар аксари минтақаҳо, бахусус минтақаҳои шаҳрӣ шаҳрвандон зерсохторҳои соҳаҳои маорифу тандурустиро ҳамчун ниҳоди фасодзада унвон намуданд. Тибқи мушоҳидаҳо фасодзада унвон намудани ин соҳаҳо сабабҳои худро дошта, сабаби асосиаш дар он аст, ки қариб кулли аҳолӣ, яъне сад дарсади шаҳрвандони мамлакат ҳатман корашон ба ин ду ниҳод: маориф (кӯдакистонҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёна, литсею коллеҷҳо, донишкадаю донишгоҳҳо ва ғайра) ва тандурустӣ (марказҳои саломатӣ, беморхонаҳо, шифохонаҳо, таваллудхонаҳо ва ғайра) меафтад. Бинобар ин, фасодзада унвон кардани ин ниҳодҳои иҷтимоӣ шояд аз фарогир будани хизматрасониҳои маорифу тандурустӣ дар кишвар алоқаманд бошад. Зеро ба ниҳодҳои дигар, аз ҷумла мақомоти судӣ, прокуратура ва ғайра ҳамонҳое корашон меафтад, ки худ ва ё наздиконашон ба ҳайси гумонбаршаванда ва ё ҷабрдида муроҷиат мекунанд. Аз хизматрасониҳои соҳаҳои маорифу тандурустӣ бошад, тақрибан ҳама истифода мебаранд ва ин яке аз сабабҳои чунин шакл гирифтани нигоҳи омма нисбат ба соҳа мебошад.

8. Дар масъалаи он, ки имрӯз шаҳрвандон ҳангоми дучор шудан бо ҳолатҳои коррупсионӣ ба мақомотҳои дахлдор муроҷиат мекунанд ё не?, аксарияти шаҳрвандони ба ин ҳолат дучоргардида ба мақомоти дахлдор

мурочиат намекунанд. Сабаби мурочиат накардани худро ба мақомотҳо бовар надоштан, мурочиат кардан бефоида, телефони боварӣ набудан, ба амалҳои коррупсионӣ даст задани худи роҳбарони мақомот ва ғайра рабт медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо мурочиат кардани худро зарур намешуморанд.

9. Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба оқибатҳои зараровари ҳолатҳои коррупсионӣ кофӣ набуда, аксарияти шаҳрвандон қайд намуданд, ки ҳарчанд тавассути телефонҳои мобилӣ паёмакҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати мурочиат намудан ба мақомот ҳангоми дучор шудан ба ҳолатҳои коррупсионӣ гирифта бошанд ҳам, аммо рақамҳои боварии ин ниҳодро намедонанд. Аксарияти шаҳрвандони пурсидашуда суроға, рақами телефони боварӣ ё почтаи электронии ниҳоди мазкурро намедонанд. Аз ин рӯ, дар байни аҳолӣ зиёд намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ хеле муҳим мебошад. Зеро аксарияти онҳо омода ҳастанд барои мубориза бо коррупсия бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ намоянд.

Дар маҷмӯъ, ҷоннок намудани равобити эътимоднок миёни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи зарурии огоҳии аҳолӣ оид ба оқибатҳои зараровари коррупсия ва муборизаи дастаҷамъона бо ин зуҳурот ба манфиати ҷомеа ва давлат буда, дар пешрафти соҳаҳои гуногун нақши муҳим дорад.